«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, д.и.т., профессор
__________ Ибодуллозода А.И.
«14» 06 соли 2022

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсия дар мавзуи «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) аз тарафи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Валиев Ҷамшед Абдурасулович соли 2017 баъди хатми курси магистратура дар МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» ба шуъбаи докторантура PhD-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шуда, онро соли 2020 хатм намудааст. Ҳоло дар вазифаҳои ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият дорад.

Роҳбари илмӣ – Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло, доктори илми филология, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин гардид.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз 31.10.2017, қарори № 3/8.4. тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаи зерин бароварда шуд:**

Калимасозӣ яке аз роҳҳои муҳимми бой гардонидани таркиби луғавии забон ба ҳисоб меравад. Маҳз бо ҳамин роҳ таркиби луғавии забон бештар рушду такмил меёбад. Инсон дар ҳаёт барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ бо истифода аз қолабҳои гуногун калимаҳои зиёдеро истифода мебарад, ки онҳоро пешрафти ҷомеа ҳамчун талабот тақозо менамояд. Аз ин хотир, забонро ҳамсафари доимии ҷомеа ном мебаранд. Дар ҳоли ҳозир, зарурате пеш омадааст, ки одамон барои пурраву мукаммал ифода кардани мафҳумҳои нави дар равиши ин дигаргуниҳои бавуҷудомада аз ҳамаи воситаҳо, махсусан, аз усулҳои калимасозӣ ба таври фаровон истифода намоянд. Талаботи мазкур ба инкишофи калимасозиву шаклсозӣ ва таркибу иборасозӣ асосу омили муҳимме ба шумор меравад.

Паҳлуҳои мухталифи роҳи морфологии калимасозӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд, аммо ҳамин масъала дар мисоли осори нависандаи варзида Абдулҳамид Самад то ҳанӯз

омӯхта нашудааст. Таҳқиқи ин мавзуъ барои нишон додани ғановати забон, имконоти калимасозии исм ва маҳорати нависандагии А. Самад ҳангоми истифодаи усулҳои калимасозии морфологӣ, луғавию семантикӣ, морфологӣ-синтаксисӣ ва синтаксисию морфологӣ аз аҳамияти вижа холӣ нест.

Абдулҳамид Самад зимни корбурди пасвандҳо ба сохтани унсурҳои луғавии сохта муваффақ шуда, аз тобишҳои гуногуни калимаҳои сермаъно ва вожаҳои мураккаби исмӣ дар осораш ба таври фаровон истифода бурдааст. Ин аст, ки дар забони асарҳои ӯ бо теъдоди фаровони вожагони сохтаву мураккаб, бо хусусиятҳои мухталифи калимаҳои транспозитсияшуда, ки тобиши услубӣ низ пайдо кардаанд, дучор омадан мумкин аст.

Воқеан, таҳқиқи забоншиносии осори бадеӣ метавонад дар муайян намудани манзараи инкишофи забон дар марoҳили муайяни таърихӣ нақше дошта бошад. Аз ин рӯ, роҳҳои калимасозии исм дар насри бадеии Абдулҳамид Самад дорои аҳамияти баланди илмӣ буда, дар илми забоншиносии тоҷик, махсусан, қисмати морфологияи он ва услубшиносӣ пажуҳиши саривақтӣ ва муҳим ба шумор меравад.

Диссертатсия дар доираи нақшаи илмии кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ таҳия гардидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таълиф.** Ҳадафи аслӣ аз ин таҳқиқ нишон додани роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад буда, ба ин васила нақши осори ин адиб дар ташаккули таркиби луғавии забони тоҷикӣ мебошад. Ин ҳадаф моро барои иҷрои вазифаҳои зерин ҳидоят мекунад:

- таҳқиқи масоили калимасозӣ ва инъикоси роҳи морфологии калимасозӣ дар осори Абдулҳамид Самад:

а) нишон додани мақоми пешванд дар калимасозии исм;

б) муайян намудани нақши пасвандҳое, ки исми шахс месозанд;

в) дақиқ сохтани мавқеи пасвандҳое, ки исми ашё ва макон месозанд;

г) баррасии нақши пасвандҳое, ки исми маънӣ месозанд.

-калимасозии лексикӣ-семантикӣ ва нақши маҷоз дар он:

-калимасозии морфологӣ-синтаксисӣ ва ё усули конверсия;

- таҳқиқи исмҳои мураккаби пайваст дар осрои А.Самад:

а) дақиқ нишон додани нақши қолибҳои калимасозӣ бо миёнванди **«у»** дар забони осори А. Самад;

б) муайян сохтани қолибҳои калимасозӣ бо миёнванди **«о»;**

в) ташреҳи қолибҳои такрори бевоситаи калимаҳо (редупликатсия).

- баррасии мақоми қолибҳои исмҳои мураккаби тобеъ дар осрои А.Самад;

- баррасии исмҳои мураккаби сеҷузъа дар осрои А.Самадов;

- таҳқиқи қолаби исмҳои мураккаби омехта.

Ба ин васила, доира ва дараҷаи истифодаи пешванд, пасвандҳо, роҳҳои калимасозии лексикӣ–семантикӣ, морфологӣ–синтаксисӣ ва синтаксисию морфологӣ дар осори Абдулҳамид Самад ва маҳорати забондонии

нависанда дар истифодаи ин гурӯҳи калимаҳо ба риштаи таҳлилу баррасӣ кашида шудаанд.

Маводи диссертатсия баррасии роҳҳои калимасозии исмро фаро гирифта аз осори Абдулҳамид Самад зиёда аз 7000 барга ҷамъоварӣ гардидааст.

Дар диссертатсия, асосан, таҷрибаи назариявии муҳаққиқони варзидаи тоҷику рус ва эронӣ, аз ҷумла Е.Э. Бертелс, Л.С. Пейсиков, В.С. Расторгуева, Т.А. Алескерова, А.З. Розенфелд, Ю.А. Рубинчик, М. Баҳор, Хусрави Фаршедвард, Б. Абдуллоев, Н. Ахмедҷонова, Д.Т. Тоҷиев, Д. Хоҷаев, Т. Зеҳнӣ, Ш. Ниёзӣ, Ш. Рустамов, М. Муҳаммадиев, Қ. Тоҳирова, С. Ҳалимов, С. Назарзода, Ҳ. Султонов, А. Ҳасанзода, М.Саломиён, З. Мухторов, М. Мирзоева, О. Қосимов, С. Раҳматуллозода, Д. Ҳомидов, Ҳ. Дӯстов, А. Амлоев, С. Низомова ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Нававарии илмии** диссертатсия аз он иборат аст, ки то имрӯз баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад бевосита пажуҳиш нашудааст. Таҳқиқоти мазкур дар забоншиносии тоҷик иқдоми нахустин буда, дар бахши омӯзиши роҳҳои гуногуни калимасозии исм, хосатан, роҳҳои вожасозии морфологӣ, лексикӣ-семантикӣ, мофологӣ-синтаксисӣ ва синтаксисию морфологӣ дар осори Абдулҳамид Самад бо нишон додани саҳми адиб дар корбурд ва офаридани калимаҳои нав пажуҳиши тоза ва мубрам ба ҳисоб меравад.

**Аҳамияти назарии таҳқиқот** дар он зуҳур меёбад, ки истифодаи имкониятҳои морфологӣ ва услубии забони адабии тоҷик дар осори таҳқиқшаванда ва муайян намудани роҳҳои калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик ин осор аз муътамадтарин воситаи рушду инкишофи забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Андешаҳои назариявие, ки аз натиҷаҳои пажуҳиш дар асоси он ҳосил шудаанд, метавонанд дар таҳқиқи хусусиятҳои грамматикию услубии асарҳои мансури дигар адибон мавриди истифода қарор гирад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои диссертатсияро метавон дар раванди таълими дарсҳои назариявию амалии таърихи забони адабии тоҷик, грамматикаи меъёрӣ, назарияи калимасозӣ, бахшҳои забони адабии ҳозираи тоҷик (лексикология ва морфология), ҳамчунин, зимни таҳияи китобҳои дарсии грамматикаи забони адабии тоҷик, назарияи калимасозӣ ва дастуру воситаҳои таълим аз фанни услубшиносӣ истифода намуд.

Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ гардида, таҳлилу баррасиҳо дар сатҳи баланди илмӣ қарор доранд. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талаботи навиштани диссертатсияҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошанд.

Диссертатсияи мазкур, бешубҳа, кори илмии пурраю мукаммал ва анҷомёфта буда, аз рӯйи мақсад ва муҳтаво бо ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) мувофиқ аст.

Кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасуловичро кори илмии баанҷомрасидаи мукаммалу мубрам меҳисобад. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Фишурдаи диссертатсия ва 24 мақолаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант 10 адади он дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР интишор гардидаанд:

Бинобар ин, кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ диссертатсияи мазкурро аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) барои дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос тавсия менамояд.

Иштирок доштанд: 16 нафар:
Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.
Қарори №10 аз 28.05.2022

Раисикунанда: Сулаймонов И. О., номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Котиби илмии кафедра: н.и.ф., дотсент Раҳмонов Б.Н.

Имзои Сулаймонов Искандар ва Раҳмонов Бахтиёрро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
e-mail: info@tgpu.tj
www.tgpu.tj